Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати ба таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳияи амсилаҳои математикӣ ва компютерии равандҳои динамикии популятсияи оилаи занбӯри асал бахшида шудааст. Ин мавзуъ ба доираи масъалаҳое мансуб мебошад, ки дар шиносномаи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пешбинӣ шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф усулҳои таҳлили математикӣ, амсиласозии динамикӣ, ҳалли ададии системаҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва таҳқиқи компютерии рафтори системаҳоро истифода намуда, алгоритмҳо ва комплекси барномаҳои татбиқиро таҳия кардааст. Натиҷаҳои бадастомада асоси таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ ва амалиро фароҳам оварда, мутобиқати пурраи диссертатсияро ба ихтисоси илмӣ тасдиқ мекунанд.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқ.*** Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти асал ва устувории оилаҳои занбӯри яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Занбӯри асал на танҳо манбаи асал, балки омили гардолудкунии зироатҳои кишоварзӣ буда, дар ҳосилнокии боғу токзорҳо нақши муҳим мебозад. Таъсири тағйирёбии иқлим, бемориҳо ва омилҳои антропогенӣ зарурати таҳқиқи илмии динамикаи популятсияро бо усулҳои муосири амсиласозӣ пеш меорад. Натиҷаҳо барои идоракунии оқилона, баланд бардоштани истеҳсолот ва қабули қарорҳои илмӣ ва амалӣ заминаи асоснок фароҳам меоранд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.*** Навгониҳои асосии диссертатсия дар таҳияи амсилаи математикии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал ифода ёфтаанд. Амсилаҳо марҳилаҳои ҳаёти оила – аз тухм то занбӯри болиғ ва таъсири омилҳои берунӣ (биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ) ба таври

маҷмуӣ инъикос гардидаанд. Муаллиф бори аввал барои шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаҳои комплексиро таҳия намудааст, ки рафтори популятсияро тавассути системаҳои муодилаҳои дифференсиалӣ тавсиф ва таҳлил мекунанд. Барои ҳалли ададии муодилаҳо усулҳои ададӣ ва алгоритмҳои ҳисоббарорӣ таҳия шудаанд.

Навгониҳои диссертатсия 16 бандро дарбар мегиранд, ки онҳо ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам татбиқи компютериро фаро гирифтаанд. Бар асоси амсилаҳо ва алгоритмҳои пешниҳодшуда комплекси барномавӣ таҳия гардида, имкони гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ, сенариягузаронӣ ва таҳлили динамикаи популятсияро фароҳам меорад. Инчунин, нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, фарогири тамоми масъалаҳои асосии таҳқиқот мебошанд.

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада технологияи истифодаи комплекси таҳқиқотӣ барои омӯзиш, таҳлил, ояндабинӣ ва идоракунии фаъолияти популятсияи оилаи занбӯри асал таҳия шуда, тавсияҳои методӣ ба хоҷагиҳои занбӯриасалпарварии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Ин равиш имконият медиҳад, ки натиҷаҳои назариявӣ ба сатҳи татбиқи амалӣ баровarда шаванд.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.*** Диссертатсия бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб бо зербобҳо, «Хулосаҳо», «Адабиёт» ва «Замимаҳо» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия барои самти илмҳои дақиқ комилан мувофиқ ва басанда буда, дар он тамоми масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва татбиқии таҳқиқот ба таври мукаммал ва пайдарпай пешниҳод карда шудаанд.

Автореферат ва диссертатсия ҳамаи ҷанбаҳои муҳими таҳқиқотро фаро гирифтааст. Муқаддима аҳаммияти мавзуъро асоснок намуда, мақсад, вазифаҳо, объект, пойгоҳ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро мушаххас мекунад.

Боби якум ба таҳлили адабиёт ва ҷанбаҳои биологӣ ва физиологии фаъолияти оилаи занбӯри асал бахшида шудааст. дар он таъсири омилҳои берунӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти қаблӣ баррасӣ шудаанд. Дар боби дуюм ҷанбаҳои биологӣ ва экологӣ таҳлил шуда, омилҳои иқлимӣ, манбаъҳои шаҳддиҳанда, бемориҳо ва зараррасонҳо гурӯҳбандӣ шуда, блок-нақшаи таъсиррасони онҳо таҳия гардидааст.

Дар боби сеюм равишҳои муосири амсиласозӣ пешниҳод шуда, системаи муодилаҳои дифференсиалӣ ва алгоритмҳои компютерӣ барои таҳлили рафтори дохили оила ва марҳилаҳои ҳаётии занбӯри асал таҳқиқ шудаанд. Боби чоруми таҳқиқот бошад ба амсиласозии таъсири бемориҳо ва

зарарrасонҳо бахшида шуда, системаи муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ таҳия гардида, устувории барнома бо маълумоти таҷрибавӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Дар боби панҷум таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ арзёбӣ гардида, функсияҳои ҳароратӣ ва намнокӣ, гипотезаҳои системаи парвариш ва комплекси барномавии компютерӣ барои ҳисобкунии истеҳсолӣ ва амалӣ намудани идоракунии хоҷагиҳо пешниҳод шудаанд.

Ин таҳлил нишон медиҳад, ки диссертатсия ба таври системавӣ ва комплексӣ тамоми масъалаҳои назариявӣ ва татбиқиро фаро гирифта, натиҷаҳои илмӣ ва амалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ва амсиласозии математикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудаанд.

***Хулосаҳои*** диссертатсия дар нуҳ банд пешниҳод гардида, онҳо натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври мантиқӣ ва илмӣ пурра инъикос менамоянд. Чунин тарзи баён имкон медиҳад, ки мавқеи илмии диссертатсия, дараҷаи навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти амалии онҳо ба таври возеҳ муайян гарданд.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар нашрияҳои гуногуни ватанӣ ва хориҷӣ интишор намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 44 интишороти гуногун ифода ёфтаанд.

Автореферат ҳамаи ҷанбаҳои муҳими диссертатсияро фаро мегирад. Муқаддима аҳаммият ва мубрамии мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект, пойгоҳи таҳқиқот, заминаи назариявӣ ва амалӣ, инчунин навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро нишон медиҳад. Ҳамаи бобҳои диссертатсия аз таҳлили адабиёт ва ҷанбаҳои биологӣ, экологӣ, математикӣ ва компютерии фаъолияти оилаи занбӯри асал, то татбиқи афзори комплексӣ ва барномаҳои ҳисоббарорӣ фаро мегирад.

Дар он ҳамаи марҳилаҳоҳ ҳаёти оила, таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ, таҳлили функсионалӣ ва синнусолӣ, таъсири бемориҳо ва зарарrасонҳо, ҳамчунин механизми ҳисобкунии истеҳсолот ва татбиқи амалӣ фаро гирифта шудааст. Ҳамаи ин ҷанбаҳо имкон медиҳанд, ки ҳимояи диссертатсия пурра ва бо асоси илмӣ, назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шавад.

Автореферат, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст.

2. Диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷурабоев Ғ.

Имзои Ҷурабоев Ғ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

«02» 03 соли 2026